# ХУЛОСАИ
**шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география**

*(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295)*

Парвандаи аттестатсионии №__________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.08.2025, № 9

Барои сазовор донистани Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география)

Диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) дар Шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ санаи 13.05.2025, протоколи №3; 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, www.tnu.tj, таъсиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ аз 01 июли соли 2022, №111/шд, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №163/ҳя ба ҳимояи якдафъаина қабул гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад 3-юми декабри соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси экология хатм намудааст.

Раҳимзода Б.А. аз моҳи марти соли 2013 то ин ҷониб ба ҳайси табиатшинос дар шуъбаи табиати Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Раҳимзода Б.А. аз соли 2020 то 2024 ба ҳайси унвонҷӯ дар Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Диссертатсияи номзадӣ тайи солҳои 2020 то 2024 дар Озмоишгоҳи «Сифати об ва экология»-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика

ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расида, 3-юми июни соли 2024 ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: Мамадризохонов Акбар Алихонович - доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.

Муқарризони расмӣ: Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович - доктори илмҳои география, профессори кафедраи туризм ва методикаи таълими географияи факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Саидова Дилором Насимовна
номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар – МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – директори Институти илмӣ-тадқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода И.Қ., эксперт – номзади илмҳои география Қаландаров А.А., котиби илмии ҷаласа, мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» – номзади илмҳои иқтисодӣ Имомзода М.Қ. имзо гардида, бо имзою мӯҳри ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ Асрорзода У.С. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 ) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо

мутахассисони бевоситаи соҳаи география ва сайёҳӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Маводи интишоргардида нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Раҳимов Б.А. Повышение эффективности качества экологических туруслуг на территории Биосферного резервата “Ромит” / А.Б. Рахимов // Вестник Хорогского государственного университета Паёми Донигоҳи Хоруғ, №3 (21). -Хоруғ, 2022. -С.-87-92. **ISSN 2664-5696**

[2-М]. Раҳимов Б.А. Повышение эффективности использования ресурсного потенциала Биосферной территории «Ромит» в целях развития туризма / А.Б. Рахимов, А.А. Мамадризохонов, А.Ф. Кариева // Наука и инновация ТНУ. -Душанбе, 2023. №1. -С.126-131. **ISSN 2312-3648**

[3-М]. Кариева Ф.А. Экологическая оценка биоразнообразия растительности в Биосферном резервате Ромит / Ф.А. Кариева, Б.А. Рахимов, Р.Д. Боев // Научный журнал “Водные ресурсы, энергетика и экология, Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии НАНТ, 2024 №4 (1). -С. 126 -131. **ISSN 2789-0953**

[4-М]. Кариева Ф.А. Гидрологические и климатические условия биосферного резервата «Ромит» / Ф.А. Кариева, Б.А. Рахимов, Р.Д. Боев // Научный журнал “Водные ресурсы, энергетика и экология, Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии НАНТ, 2024 № 4 (2). -С. 122 – 129. **ISSN 2789-0953**

[5-М]. Рахимов Б.А. Геоэкологическая оценка природы государственного Биосферного резервата “Ромит” в целях развития экологического туризма / А.Б. Рахимов // Наука и инновация ТНУ. 2024. №3. - С. 211-216. **ISSN 2312-3648**

[6-М]. Раҳимов Б.А. Роҳҳои банақшагирии самараноки фаъолияти сайёҳӣ ва ташкили модели вусъатбахши туризми экологӣ дар ҳудуди “Резервати биосферии Ромит” / А.Б. Рахимов // Илм ва фановарии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №3, -С. 259-267. **ISSN 2312-3648**

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар:**

[7-М]. Раҳимов Б.А. Хусусиятҳои рушди экотуризм дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Б. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ (Бахши илмҳои табиӣ-риёзӣ). 2020, №1-2 (5-6). -С. 61-64. **ISSN 2707-9996**

[8-М]. Раҳимов Б.А Анализ развития экологического туризма на территории Биосферного резервата “Ромит”/ А.Б. Раҳимов // Вестник педагогического университета (Естественных наук), 2021, № 3-4 (11-12). - С. 62-66. **ISSN 2707-9996**

[9-М]. Раҳимов Б.А. Развитие экологического туризма – важный аспект налаживания международного сотрудничества / Б.А. Раҳимов, А.А. Мамадризохонов // Сборник международной научно-практической конференции «Глобальные экологические проблемы и их влияние на международные отношения и процесс глобализации». -Душанбе, 2021. - С. 131-137.

[10-М]. Раҳимов Б.А. Нақши экотуризм дар ҳалли самараноки мушкилоти ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиии минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон / Б.А. Раҳимов, А.А. Мамадризохонов, А. Холматзода, Р. Шарифхон, А. Шарифхон. // Материалы Международной научно-практической конференции “Роль системы образования в эффективном решении проблем, охраны и рационального использования природных ресурсов Памира”. -Хорог, 2021 -С 49-54.

[11-М]. Раҳимов Б.А. Механизм устойчивого развития туризма на территории государственного биосферного резервата “Ромит” / Б.А. Раҳимов, А.А. Мамадризохонов // Материалы Международной научно-практической конференции “Роль системы образования в эффективном решении проблем, охраны и рационального использования природных ресурсов Памира”. 2021. -Хорог, -С 97-102.

[12-М]. Раҳимов Б.А. Муҳимияти ҳифз ва истифодаи оқилонаи гуногуннамудии биологии ҳудудҳои ҳифзшавандаи табиати минтақаҳои кӯҳистон / Б.А. Раҳимов, А.А. Мамадризохонов, А.Холматов, Д. Шарипова // Материалы международной научно-практической конференции “Роль системы образования в эффективном решении проблем, охраны и рационального использования природных ресурсов Памира”. -Хорог. 2021. -С 130-134.

[13-М]. Раҳимов Б.А. Возможности использования туристско-рекреационного потенциала “Биосферного резервата Ромит”/ Б.А. Раҳимов, А.А. Мамадризохонов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Заминаҳои асосии рушди сайёҳӣ ва нақши он дар инфрасохтори минтақа”. – Хоруғ, 2023.– С. 98-105.

[14-М]. Раҳимов Б.А. Вопросы повышения эффективности использования ресурсного потенциала биосферного резервата “Ромит” в экотуризме / Б.А. Раҳимов, А.А. Мамадризохонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Проблемаҳои инкишофи сайёҳии дохилӣ дар замони муосир”. ДДОТ ба номи С.Айнӣ. - Душанбе, 2023. -С. 31-33.

[15-М]. Раҳимов Б.А. Мушкилоти асосии рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ дар ҳудуди “Резервати биосферии Ромит”/ Б.А. Раҳимов, А.А. Мамадризохонов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Проблемаҳои географии ташкили ҳудудӣ ва рушди устувори

истеҳсолоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе, 2024. – С. 190 – 193.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Имомёрбеков Ф.М. – н.и.и., мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тақризи мусбат пешниҳод намуда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант ду эрод манзур намудааст:

1. Робитаи мутақобила ва роҳандозии механизми ташаккулёфта, дурнамо ва афзалияти ташаккули фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар заминаи баҳогузорӣ ва нерӯи захиравии ҳудудӣ ба назар намерасад;

2. Дар расми 6-и автореферат робитаи синергиявии унсурҳои асосии таъмини захиравии рушди СЭ нишон дода нашудааст. Маълум нест, ки унсурҳо тариқи кадом принсип алоқамандӣ доранд.

2. Мирзоев А.Қ – н.и.г., дотсенти кафедраи география ва Ибрагимова Р.А - н.и.г., дотсенти кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ аҳаммияту навгонии таҳқиқ, сохтору муҳтавои автореферат арзёбӣ гардида, дар он эрод пешниҳод нашудааст.

3. Раҳимов С.А. – н.и.г., муаллими калони кафедраи географияи табиии ДДОТ ба номи С.Айнӣ, аҳаммияту навгонии таҳқиқ, сохтору муҳтавои автореферат арзёбӣ гардида, дар он эрод пешниҳод нашудааст.

4. Абдураҳимова М.М. – н.и.г., мудири кафедраи географияи табиии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” тақризи мусбат буда, эрод надорад.

5. Бобоев Н.Д. – Саромӯзгори кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ автореферати диссертатсияро мусбӣ арзёбӣ намуда , эрод надорад.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд**, ки дар таҳқиқи илмии анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:

– дар диссертатсия бори аввал тавсифи шароитҳои табиӣ-геоэкологӣ ва иқтидори захиравии *«Резервати биосферии Ромит»* таҳқиқ гардида, баҳодиҳӣ ба он ҳамчун сарчашмаи рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ **нишон дода шудааст**;

– механизми баланд бардоштани самаранокии иқтидори захиравии резервати биосферӣ ва намунаи пурраю мусоиди рушди устувори

фаъолияти сайёҳии экологӣ, барои ворид намудан ба ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* **коркард карда шуд**;

– моделиi комплексии рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ (СЭ), ҳамчун намунаи таъсирбахши идоракунии самараноки истифодабарии табиат дар фаъолияти СЭ ва он методи нави таҷрибавӣ, ки қонуниятҳои сифатан нави падидаи таҳқиқшаваендаро **ошкор менамояд,** таҳия шудааст;

– дар асоси муайян намудани мушкилотҳои асосии соҳа, афзалиятҳои рушди босуботи фаъолияти СЭ бо назардошти хусусиятҳои хосашон **пешниҳод шудааст.**

Дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* механизм ва модели вусъатбахш, ки дар асоси меъёрҳои ҳифзи табиат ва захираҳои худуд таҳия гардидаанд ва ба рушди комплексҳои табиӣ мусоидат менамоянд илман **исбот шудааст**;

– натиҷаи тадқиқот дар фаъолияти идоракунӣ, лоиҳакашӣ ва **ҷори намудани** истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва рушди устувори экосайёҳро дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* таъмин менамоянд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои он аз шаклҳои анъанаии истифода то ташаккули шароитҳои рушди устувор мусоидат намуда ин раванд на танҳо ба ташкили фаъолияти сайёҳӣ, балки ба соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва фарҳангии аҳолии маҳаллӣ ва умуман ҷомеа таъсири мусбӣ мерасонад. Аҳамияти амалии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастовардашуда, хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар самтҳои зерин роҳандозӣ шаванд:

– ҳангоми баҳодиҳии шароитҳои табиӣ ва ҳудуди ландшафтии мавзеи ҳифзшаванда бо мақсадҳои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ барои доираи васеи аҳолӣ ҳамчун асоси илмӣ-амалӣ хизмат кунанд;

– барои ҳалли масъалаҳои экологӣ ва ҷойгиршавии нақшаи объектҳои экологӣ-рекреатсионӣ дар ҳудуди ҳифзшаванда ва гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ба кор бурда шавад;

– натиҷаҳои бадастовардашуда метавонанд барои таҳқиқи минбаъдаи ташкил намудани фаъолияти ҳудудии сайёҳӣ - рекреатсионӣ дар марзи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (ҲТММ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудудҳои ҳамсарҳад, инчунин дар таҳияи базаҳои методологӣ барои асоснокии илмии стратегияи рушди минтақавӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ истифода бурда шаванд. Ҳамзамон, қисматҳои ҷудогонаи диссертатсия метавонад аз ҷониби мутахассисони *«Резервати биосферии Ромит»* ва бахшҳои ноҳиявӣ оид ба сайёҳӣ, инчунин кормандони ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди стратегияи рушди устувори истифодабарии табиати ҲТММ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд;

– **баён шудани** ҳолати устувории ҳудуд дар соҳа муайян гардида, захираҳои рушди сайёҳӣ экологӣ арзёби гардиданд;

ба воситаи SWOT – анализ **ошкор гардидани** бартариятҳо, камбудиҳо, имкониятҳо ва хатарҳо дар натиҷаи таҳлили рушди сайёҳӣ экологӣ дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»*;

– дар рафти тадқиқот раванди геологӣ, геоэкологӣ, геоморфологӣ, биологӣ ва географии ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* **омӯхта шудаанд**;

– **аз нав такмил додани** объектҳои сайёҳӣ таҳқиқ гардида, дар ҳудудҳои алоҳидаи он мониторинг ва дигар методҳои геологӣ, геоэкологӣ, географӣ ва биологӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки: ҳангоми баҳодиҳии шароитҳои табиӣ ва ҳудуди ландшафтии мавзеи ҳифзшаванда бо мақсадҳои баланд бардоштани маърифатнокии сайёҳӣ ва рекреатсия барои доираи васеи аҳолӣ ҳамчун асоси илмӣ-амалӣ ҷорӣ карда шудаанд.

**Муайян карда шудаанд, ки** маҷмуи омилҳои рушди СЭ-гӣ ба минтақа таъсиррасонанда муайян, ва меъёрҳои дифференсиалии баланд бардоштани самаранокии истифодабарии иқтидори захиравии минтақа таҳия гардида, бо назардошти таъсироти дараҷаи идоракунӣ, сатҳи истифодабарии иқтидори захиравӣ, омилҳои таркибии дохилӣ ва беруна, барои таҳқиқи минбаъдаи ташкил намудани фаъолияти ҳудудии сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар марзи ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳудудҳои ҳамсарҳад, инчунин таҳияи базаҳои методологӣ барои асоснокии илмии стратегияи рушди минтақавӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, маълум гардид, ки қисматҳои ҷудогонаи диссертатсия имконияти аз ҷониби мутахассисони *«Резервати биосферии Ромит»* ва бахшҳои ноҳиявӣ оид ба сайёҳӣ, инчунин кормандони ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди стратегияи устувори истифодабарии табиати ҲТММ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд;

– механизми баланд бардоштани самаранокии иқтидори захиравии сайёҳӣ коркард шуд, ки маҷмуи чунин қисматҳоро дар бар мегирад: объектҳои сайёҳии ҳудудӣ ва принсипҳои идоракунии онҳо, андоза ва марҳалаҳои таъсироти мутақобилаи он ва таъсири мутақобила барои расидан ба натиҷаҳои мустақим ё иловагӣ. Инчунин, зуҳуроти пайдарпайии марҳалаҳои гуногуни рушди сайёҳӣ дар ҳудуди резерват: натиҷаҳои мутобиқшавӣ (адаптатсия); натиҷаи азхудкунӣ ва натиҷаи комулятивӣ таҳлил карда шуданд, ки зарурати аз тарафи маъмурияти резерват омӯхтани меъёрҳои махсуси илмӣ-асосноки фаъолияти сайёҳӣ-

рекреатсионӣ ва рушди устувори танзимкунандаро тақозо менамояд **офарида шуд**;

– **б**арои ба ҳадди аксар расонидани иқтидори минтақа дар соҳаи сайёҳӣ самтҳои афзалиятноки зерин интихоб гардида, **муаррифӣ карда шуд**: *сайёҳии экологии маърифатӣ, сайёҳии экологии илмӣ, сайёҳии экологии рекреатсионӣ, сайёҳии экологии деҳот ё агросайёҳӣ* мебошанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон** медиҳад, ки дараҷаи асоснокӣ ва дақиқии онҳо баланд мебошад. Ин ба истифодаи василаҳои муосири таҳқиқотӣ – аз ҷумла механизмҳо, моделҳо ва усулҳои таҳлили замонавӣ вобаста аст. Эътимоднокии маълумоти бадастомада тавассути истифодаи равиши системавӣ дар омӯзиши объект, таҳлили ҳамаҷонибаи маводи эмпирикӣ ва инчунин верификатсияи пайгиронаи натиҷаҳо таъмин гардидааст. Самтҳои мусбат ва натиҷаҳои бадастомада дар шароити гуногуни амалӣ ва контекстӣ такрор ва тасдиқ гардида, аҳамияти илмӣ ва амалии хулосаҳои таҳқиқро тақвият медиҳанд.

**Ғоя асоснок шудааст**, ки он дар васеъ намудани фаҳмиши илмии равандҳои ҳамгироии экотуризм ба муҳити табиӣ, аз ҷумла ба мавзеъҳои махсус ҳифзшавандаи табиӣ зоҳир мегардад. Таҳқиқот маҷмӯи васеи ҷанбаҳоро дар бар мегирад — аз ҳифзи шаклҳои анъанавии истифодаи захираҳои табиӣ то ташкили заминаҳо барои рушди устувори ҳудудҳо. Равандҳои мавриди баррасишуда ба ташкили фаъолияти сайёҳӣ, инчунин ба нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти аҳолии маҳаллӣ таъсири гуногунҷанба мерасонанд. Пояи методологияи таҳқиқот аз равиши системавӣ иборат аст, ки таҳлили мукаммали тағйиротро ҳам дар муҳити берунӣ ва ҳам дар муҳити дохилии фаъолияти объектҳои таҳқиқшаванда таъмин менамояд. Бо ин васила, ғояи зарурати ҳамгироии экотуризм ба стратегияи истифодаи устувори захираҳои табиӣ асоси илмии худро пайдо мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки ба фаъолияти амалӣ **истифода шудаанд**: дар таҳияи стратегияи истифодаи устувори табиат дар ҳудуди *«Резервати биосферии Ромит»* мавриди истифода қарор гирифтанд, дар лоиҳакашӣ ва минтақабандии инфрасохтори сайёҳӣ-рекреатсионӣ бо дарназардошти ҳатмии талаботи ҳифзи муҳити зист татбиқ шуданд, инчунин онҳо ҳамчун асос барои таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди экосайёҳӣ, ки аз ҷониби кумитаи ноҳиявии сайёҳӣ пешниҳод шуданд. Илова бар ин, маводи илмии гирифташуда дар фаъолияти омӯзишӣ ва тарғиботии резерват, ки ба тарғиби принсипҳои сайёҳии устувор равона шудааст, ба инобат гирифта шудаанд.

Хусусиятҳои геоэкологӣ ва иқтидори захираҳои табиии «РБР», ки ҳамчун пояи асосии рушди туризми экологӣ дар минтақа арзёбӣ мегарданд **муайян шудаанд**. Бори аввал ба шароити табиии ҳудуди

мавриди таҳқиқ баҳои комплексӣ дода шуд, ки дар он гуногунрангии ландшафтӣ, ҳассосияти экологӣ ва имкониятҳои истифодаи рекреатсионӣ ба инобат гирифта шудаанд. Абзорҳои оптимизатсияи истифодаи захираҳои табиӣ таҳия гардиданд, ки ба худ механизмҳои банақшагирии фазоӣ, зоникунонии экологӣ ва танзими сарбории сайёҳиро дар бар мегиранд. Стратегияи мукаммали рушди устувори туризми экологӣ таҳия гардидааст, ки ба хусусиятҳои минтақавӣ мутобиқ буда, ба таъмини тавозун байни ҳифзи муҳити зист, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ равона шудааст. Илова бар ин, мушкилоту маҳдудиятҳои асосӣ, ки рушди туризми экологиро дар ҳудуди захира маҳдуд месозанд, муайян карда шуданд, аз ҷумла монеаҳои инфрасохторӣ, институционалӣ ва иҷтимоӣ. Афзалияти стратегӣ доштани туризми экологӣ асоснок карда шудааст, ки он ба меъёрҳои рушди устувор ҷавобгӯ буда, ҳамкории самаранокро байни манфиатҳои ҳифзи муҳити зист ва фаъолияти иқтисодӣ дар минтақа таъмин менамояд.

Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи равишҳои методологро ба кор бурда, ҳам усулҳои умумии илмӣ ва ҳам усулҳои махсуси географи **истифода шудаанд**. Истифодаи усулҳои умумии илмӣ — аз қабили таҳлили системавӣ ва сохторӣ — имконият дод, ки объекти тадқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҷузъҳои табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фазоии он ба таври ҳамаҷониба баррасӣ гардад. Ҳамзамон, истифодаи усулҳои махсуси географӣ, аз ҷумла мушоҳидаҳои муқоисавӣ, тадқиқоти саҳроӣ ва картография, имкон доданд, ки маълумоти бо далелҳои таҷрибавӣ асоснок оид ба ташкили ҳудудии фазои туристӣ-рекреатсионӣ ва иқтидори захираҳои табиӣ ба даст оварда шаванд. Коркарди маълумоти ибтидоӣ бо истифода аз равишҳои тафсир, типология ва таҳлили фазоӣ анҷом дода шуд, ки сатҳи баланди эътимоднокӣ ва такроршавии натиҷаҳоро таъмин намуд. Ин гуна равиш устувории методологӣ ва асоснокии илмии хулосаҳои бадастомадаро таъмин сохт.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дар таҳқиқи диссертатсия аз иштироки бевосита дар таҳқиқоти корҳои саҳроӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиёт ва маводҳои экспедитсионӣ-саҳроӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» ва ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии сайёҳии экологӣ (СЭ) дар ҳудуди ҳифзшаванда иборат мебошад. Саҳми муаллиф, инчунин, дар омӯзиши маълумоти ибтидоии оморӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, мазмуни илмӣ, коркарди тавсияҳои амалӣ ва хулосаҳоро дар бар мегирад.

Дар маҷлиси 18-уми августи соли 2025 шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-057-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ қарори сазовор донистани Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад ба дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси

25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) қабул гардид.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 3 нафар аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география).

Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, ба таври иловагӣ барои ҳимояи якдафъаина 1 нафар ворид карда шудаанд. Овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геология ва минералогия Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.
18.08.2025